**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**АКАДЕМИЯ**

# ҲИСОБОТ

## ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022

**Ҳисобот дар ҷаласаи Шӯрои олимони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли соли 2023 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст**

**Душанбе - 2023**

## ПЕШГУФТОР

### оид ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таққиқотии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022

***Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд.***

**(Иқтибос аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе 23.12.2022).**

Фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаҳои олии таълимӣ буда, сатҳу сифати таълим аз самаранокии фаъолияти илмӣ вобастагии зиёд дорад. Бе рушди фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаи таълимӣ, амалигардонидани сиёсати давлатӣ дар самти маориф ғайри имкон аст. Танҳо маълумоти илман асоснок метавонад мазмуну муҳтавои маводи таълимӣ аз қабили китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, лексия ва барномаҳои таълимиро ғанӣ гардонида, ба хонанда донишҳои заруриро фароҳам орад.

Дар соли 2022 ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону адъюнктон ва шунавандагону курсантони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ машғул гардида, дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.

Ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД баҳри дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба илм ва техника, иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди тадқиқоти илмӣ ва иҷрои як қатор чорабиниҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Академияи ВКД фаъолона кӯшиш намуданд.

Ҳукумати кишвар аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба хотири омода намудани мутахасисони баландихтисос пайваста чораандешӣ менамояд. Ташрифҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон далели ин гуфтаҳост.

Соли 2022 аз он хотирмон буд, ки дар саросари кишвар чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ, пеш аз ҳама 30-юмин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари кишвар дар сатҳи зарурӣ ташкил ва баргузор гардид. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва коста шудани ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як муддат ба кишвари мо вазъи нохуб ва низои дохилиро ба бор овард, ки ба қишрҳои ҷомеа хисороти зиёд расид. Моҳи октябри соли 1992 пас аз вохӯрӣ бо нерӯҳои халқӣ, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даъват кардани Иҷлосияи XVI дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ қарор қабул намуд. Ин қарорро кулли сокинони ҷумҳурӣ бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд.

Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ барои барқарорсозии сохти конститутсионии кишвар ва давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон оғози устувор бахшид ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард. Маҳз дар таърихи XVI-уми ноябр то 2-юми декабри соли 1992 Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар Қасри хоҷагии ба номи Саидхӯҷа Ӯрунхуҷаев баргузор гардида, он сохти конститутсиониро дар ҷумҳурӣ барқарор намуд. Ҳамчунин ин иҷлосияи таърихӣ

заминаи мусоиде барои рушди ҷомеа ва пешрафти Тоҷикистон фароҳам овард. Аввалин масъалаҳои ҳаётан муҳиме, ки дар ин иҷлосия муҳокима карда шуданд, ин тадбирҳо оид ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Таҳти раёсати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосия XVI-ум як қатор санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки онҳо ба фаъол намудан ва таҳким додани сохтори ҳокимияти давлатӣ асос гузоштанд.

Иҷлосия бо мақсади хотима додан ба ҷанги дохилӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ, харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкории гуруҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятиву ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти муътадил ва таҳкими мақомоти давлатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар дошта, принсипҳои башардӯстӣ қарор кард, шахсоне, ки аз 27-уми март то 25 ноябри соли 1992 дар муқовиматҳои мусаллаҳона ширкат доштанд, ҷиноят ё амалҳои ғайриқонунӣ содир карда буданд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида нашаванд. Чунин сиёсат бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти сиёсиву иҷтимоии кишвар буд, ки он барои ҳарчӣ зудтар ба сулҳи комил ноил гардидани кишвари маҳбубамон мусоидат намуд.

Дар Иҷлосия ҳукумате таъсис ёфт, ки таҳти сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ тавонист оташи ҷанги дохилиро хомӯш намояд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохта, Артиши Миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дода, аксарияти гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонанд. Хушбахтона, давлат ва миллати мо дар ҳассостарин лаҳзаи таърихӣ роҳбари худро пайдо намуд.
Сарвари давлат изҳор дошт, ки мо вазифадорем, аввал амнияти давлатамонро таъмин намоем, артишро созмон дода, милиса, кумитаи амнияти миллӣ, дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро мустаҳкам намоем, зеро давлате, ки худро муҳофизат ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонашро таъмин карда наметавонад, аслан арзише надорад.
Дар як муддати кӯтоҳ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва милиса аз нав созмон ёфта, онҳо бо аслиҳа ва сохти ҳарбӣ таъмин шуданд. Садҳо ҷавонони ватандӯст ба кори ин мақомот сафарбар гардиданд. Бо вуҷуди касодии иқтисодӣ Сарвари давлат ба таъсиси Артиши миллӣ шурӯъ намуд ва барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои ҷанубии кишвар чораҳои мушаххас андешида шуд.

16 ноябри соли 2022 дар суханронӣ ба ифтихори 30-юмин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоб Қасри таърихии «Арбоб» Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон **ин рӯйдоди тақдирсозро оғози раванди давлатсозии тоҷикон** номиданд.

Ҳисоботи навбатии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ба 30 солагии Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад, ки вобаста ба ин давраи таърихӣ месазад ибрози андеша намуд. Таърих шоҳиди ҳол аст, ки ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар давоми 31 соли фаъолияти худ баҳри рушди раванди таълим ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар баробари иҷрои вазифа ва уҳдадорирҳои корманди милитсия саҳми худро гузоштаанд.

Маврид ба ёдоварист, ки 3 марти соли гузашта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд дар бораи масъалаҳои об ва иқлим, ки дар шакли видеоконфронс баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуда буданд. Дар видеоконфоронси сатҳи баланд ҳамчунин Президенти Маҷористон Янош Адер, Призиденти Созмони ҷаҳонии метереологӣ ва абзори «Созмони Милали Муттаҳид ва Об», Президенти Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ (IFAD) Гилберт Ҳунгбо, сарони ҳукуматҳои як қатор кишварҳо, инчунин коршиносони байналмилалӣ суханронӣ намуда, бо овардани далелҳои илман асоснокшуда ҳам ба иштирокдорони ин Ҷаласаи сатҳи баланд ва ҳам ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъкид намуда

буданд, ки мутаассифона, имрӯзҳо босуръат об шудани пиряххо дар Арктика, Антарктида ва Гренландия ба мушоҳида мерасанд ва ҳамзамон, тағйироти ҷиддӣ дар пиряххои дар хушкӣ қарордошта низ ба амал омада истодаанд. Пешвои миллат вобаста ба вазъи имрӯзаи пиряххои Тоҷикистон андешаронӣ карда, таъкид дошта буданд, ки чунин вазъияти нигаронкунанда дар пиряххои Помири Тоҷикистон низ тӯли чанд соли охир баръало мушоҳида мешаванд. Зиёд будани шумораи ҳаммуаллифони қатъномаи мазкур бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷомеаи байналмилалӣ ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он барои ҳалли чолишҳои ҷаҳонӣ эътимод дорад.

Дар баромади пурмуҳтавои сатҳи баланд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон захираи пиряххоро манбаи асосии оби нӯшокӣ баён намуда, омили асосии тағйирёбии иқлимро дар обшавии босуръати пиряххо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ маънидод карда буданд. Ҳамчунин, зикр намуда буданд, ки обшавии босуръати пиряххо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад.

Обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ – пиряхи Федченко дар Тоҷикистон, ки зиёда аз 75 километр дарозӣ дорад, намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки фақат дар тӯли 70-80 соли охир пиряхи Федченко зиёда аз як километр ақиб рафта, майдони он то 44 километри мураббаъ кам шудааст. Зиёда аз ин, ҳаҷми он 15 километри мукааб ихтисор гардида, суръати миёнаи ақибравии нӯги (забони) пирях дар як сол 16 метрро ташкил медиҳад.

Ташаббусҳои байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ ба ҳаллу фасл ва дарёфти роҳу усулҳои рафъи мушкилоти вобаста ба об хеле муҳим ва саривақтианд. Пешниҳоди Пешвои муаззами миллат дар бораи эълон намудани соли 2003 ҳамчун «Соли оби тоза», солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», соли 2013 ҳамчун «Дипломатияи об ё риштаи ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028” аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ пуштибонӣ ёфтанд.

Мусаллам аст, ки дар даҳсолаҳои охир инсоният ба таҳдидҳои муосири ҷаҳонӣ дучор гардид: инҳо тағйирёбии иқлими сайёра ва бар асари он зиёдшавии фалокатҳои табиӣ, обхезӣ, яхчу тармафаройӣ, обшавии пиряххо, проблемаҳо оид ба таъминоти об бинобар зиёдшавии босуръати аҳолӣ, хурӯҷи бемориҳои сирояткунанда ва ғайра мебошанд.

Дар робита ба оқибатҳои вазнини идомаи ин раванд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Панели сатҳи баланд вобаста ба масъалаҳои об ва иқлим пешниҳод намуда буданд, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон гардида, санаи мушаххаси «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо» муқаррар карда шавад. Пешниҳоди дигари ҷониби Тоҷикистон таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо буд.

Видеоконференсия, ки таҳти раёсати Дабири кулли Созмони байналмилалии обуҳавошиносӣ Петери Таалас ба вуқуъ пайваста буд, пешниҳоди Сарвари давлати моро оид ба эълон намудани соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва муайян намудани санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо қобили қабул дониста, ҳамчунин пешниҳоди дигари ҷониби Тоҷикистон оид ба таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххоро низ мавриди таҳлилу омӯзиши васеъ қарор дода буд.

Ҳамин тариқ, зимни омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаи пешниҳоди Президенти давлати мо, боиси хушнудист, ки 14-уми декабри соли равон, Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар Иҷлосияи 77-уми худ бо ҷонибдории 153 кишвари аъзои ин созмони бонуфуз қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи

пиряххо»-ро эълон намуд. Иқдоми наҷиби саривақтии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ гарму ҷӯшон дастгирӣ ёфт.

Зикр намудан бамаврид аст, ки СММ бо мазмуни зерин қатъномаро қабул кард, ки дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам Соли байналмилалӣ таҷассум ёфтааст:

– Мутобиқи ин қатънома, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардид;

– Аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо таҷлил карда мешавад;

– Мутобиқи қатънома Созмони Милали Муттаҳид таҳти ҳамоҳангии Дабири кулли ин созмон Фонди трастии мақсаднок, яъне Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро ҷиҳати ҳифзи пиряххо таъсис медиҳад;

– Соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо баргузор мегардад.

Қатъномаи мазкур муҳиммияти пиряххоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор зикр намудааст. Ҳамчунин дар санади мазкур таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши густурдаи креосфера шудааст, ки дар натиҷа устуворӣ дар минтақаҳои баландкӯҳҳо кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхдор тағйир додааст.

**С**оли ҳисоботии 2022 ҳамчунин, бо он хотирмон гаштааст, ки дар партави Паёми Пешвои муаззамии миллат, ки гуфтаанд: «Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд» ифтитоҳи Шӯрои диссертатсионии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва 6D030303 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) ва оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.11 – Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ санаи 1-уми апрели соли 2022 бо иштироки Раҳимзода Р.Ҳ. – Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, д.и.ҳ., дотсент, Вазири корҳои дохилӣ, генерал-полковники милитсия, аъзои шӯрои диссертатсионӣ; Ятимов С.С. – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.с., профессор, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, генерал-полковник; Розиқзода А.Ш. – д.и.т., профессор, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия; Шарифзода Ф.Р. – д.и.ҳ., дотсент, сардори Академияи ВКД, генерал-майори милитсия, аъзои шӯрои диссертатсионӣ; Искандаров З.Ҳ. – д.и.ҳ., дотсент, раиси шӯрои диссертатсионӣ; Назарзода Н.Ҷ. – д.и.ҳ., муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ, полковники милитсия; Раҳмадҷонзода Р.Р. – н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия, котиби шӯрои диссертатсионӣ; Азимзода Н.Б. – д.и.ҳ., дотсент, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2, подполковники милитсия, аъзои шӯрои диссертатсионӣ; Муҳаммадиев И.С. – д.и.ҳ., сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети №4, мушовири адлияи дараҷаи 1, аъзои шӯрои диссертатсионӣ; Сафарзода Ҳ.С. – н.и.ҳ., дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6, полковники милитсия, аъзои шӯрои

диссертатсионӣ; олимони шинохтаи кишвар, ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар меҳмонон баргузор гардид (Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2022 таҳти № 95/шд ба фаъолияти шӯрои диссертатсионӣ бо рамзи 6D.KOA-043).

Дар маросими ифтитоҳи шӯрои диссертатсионии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва 6D030303 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) ва оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.11 – Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо реҷаи маҷозӣ (он-лайн) иштирок доштанд: Биекенов Н.А. – д.и.ҳ., дотсент, сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Костанай ба номи Шракбек Қабилбаев, полковники политсия; Башан А.В. – н.и.ҳ., дотсент, иҷрокунандаи вазифаи сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Белорус, полковники политсия; Киричёк Е.В. – д.и.ҳ., дотсент, сардори раёсати кори таълимӣ-методии Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия, аъзои шӯрои диссертатсионӣ; Кононов А.М. – д.и.ҳ., профессор, ходими калони илмии шуъба оид ба тадқиқи стратегии проблемаҳои идоракунии маркази илмӣ-тадқиқотии Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия, аъзои шӯрои диссертатсионӣ; Павличенко Н.В. – д.и.ҳ., профессор, аъзои шӯрои диссертатсионӣ ва Гаврилов Б.Я. – д.и.ҳ., профессор, профессори кафедраи идоракунии мақомоти тафтиши ҷиноятии Академияи идоракунии ВКД Россия.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар соҳаи илм ва маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, аз кормандони илмӣ ва зиёиён даъват ба амал овардаанд, ки нисбат ба рушди илми кишвар бетараф набошанд. Вобаста ба ин масъала Пешвои муаззами миллат дар вохӯрии худ бо олимони кишвар 18-уми марти соли 2020 таъкид намуданд, ки "Рушди забони илмии тоҷикӣ дигар масъалаи муҳиммест, ки Академияи илмҳо ва Комиссияи олии аттестатсионӣ бояд ба он таваҷҷуҳ намоянд. Дар баробари бо забонҳои хориҷӣ навиштани рисолаҳо мо бояд ба рисолаҳое, ки бо забони тоҷикӣ, яъне бо забони давлатӣ таълиф мешаванд, афзалият диҳем. Илова бар ин, таъкид бояд кард, ки дар рисолаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳолатҳои асардуздӣ (сирқат) ба мушоҳида мерасанд. Сабаби чунин муносибат, пеш аз ҳама, камҳавсалагии роҳбари илмӣ, фориғболии унвонҷӯ ва рӯякӣ таълиф гардидани рисола мебошад. Имрӯз, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ рисолаҳои зиёд интишор мешаванд, баъзе унвонҷӯён аз онҳо рӯйбардор карда, бо роҳи осон мехоҳанд соҳиби дараҷаҳои илмӣ гарданд. Дар натиҷа ҳам сифати илми ватанӣ коҳиш меёбад, ҳам обрӯву эътибори унвонҷӯ ва роҳбараш дар миёни ниҳодҳои илмӣ паст мегардад. Ин "бемори"-и замони технологияҳои муосир буда, ба зеҳни олимони ҷавон ва роҳбарони онҳо сироят карда истодааст".

Имрӯз, таъсиси шӯрои диссертатсионӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон як қадами ниҳоят устувор дар самти илм буда, фаъолияти бо самари он метавонад ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, рушди маориф ва илм, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа мусоидат хоҳад кард. Мушоҳида карда мешавад, ки роҳбарияти Академияи ВКД ҷиҳати амалигардонии сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чораҳои зарурирo роҳандозӣ менамоянд.

Боиси зикр аст, ки Шурои диссертатсионии мазкур ба кори худ шуруъ намуд ва санаи 27 январи соли 2023 (унвонҷӯ Буриев Д.А.) ва 10 марти соли 2023 (унвонҷӯ Завқизода С.А.) ду ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли ҳисоботӣ аз ҷониби муовини сардори Академия оид ба илм, н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия **Раҳмадҷонзода Р.Р.** ва сардори шуъбаи адъюнктура, н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия **Самиев Н.М.** китоби дарсии **Криминалистика** (ба забони русӣ, зери таҳрири Вазири корҳои дохилӣ, д.и.ҳ., дотсент, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ., д.и.ҳ., профессор, Арбоби хизматнишондодаи илми Федератсияи Россия Лавров В.П., д.и.ҳ., профессор, Арбоби хизматнишондодаи илми Федератсияи Россия Волинский А.Ф.), ки бо қарори Мушовараи вазорати маориф ва илми Тоҷикистон барои донишгоҳҳои олӣ тавсия гардидааст, **дар ҳаҷми 660 саҳифа**, аз нашр бароварда шуд.

Бояд иброз намуд, ки аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалигардонидани сиёсати давлатӣ дар самти илм дар соли ҳисоботӣ **7 монографияҳо** омода ва нашр гардиданд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми илмӣ, аз ҷумла, таъминоти кадрии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷабҳаҳои касбӣ-психологӣ, хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ҷиноятии маъмурӣ, заминаҳои муқовимат бо экстремизму терроризм ва ғайра мебошанд:

1. *Абдулло, А.Р.* Правоохранительная система современного государства: монография / Абдулло А.Р. – Душанбе: «Ирфон», 2022. – 120 с.;
2. *Азими, У.А.* Кадровое обеспечение органов внутренних дел Таджикистана: историко-правовой анализ: монография / У.А. Азимӣ. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – 250 с.;
3. *Заробиддинзода, С.З.* Институт судимости по уголовному законодательству Таджикистана и России: монография / С.З. Заробиддинзода // Под ред. профессора Б.В. Епифанова. – Душанбе: «Эр-граф», 2022. – 300 с.;
4. *Латифзода, С.З.* Тавсифи прогрессиографии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва коршоямии касбӣ-психологӣ ба он: монография / С.З. Латифзода. – Душанбе: Ирфон, 2022. – 280 с.;
5. *Сафарзода, Х.С., Насуриён, П.А., Ализода, А.Ш., Самиъзода, Б.С., Аҳёзода, Ш.Т.* Асоси муқовимат ба экстремизми (ифротгароии) динӣ-мазҳабӣ: монография / Ҳ.С. Сафарзода, П.А. Насуриён, А.Ш. Ализода [ва диг.]. – Душанбе: Торус, 2022. – 167 с.;
6. *Хайдарзода, М.П.* Ҷазои маъмурӣ: монография / М.П. Хайдарзода. – Душанбе: ЭР-Граф, 2022. – 92 с.;
7. *Хайдарзода, М.П.* Проблемы совершенствования законодательства и квалификации преступлений экстремистской направленности в Республике Таджикистан: монография / М.П. Хайдарзода. – Душанбе: ЭР-Граф, 2022. – 224 с.

Дигар дастоварди назарраси илмӣ ин иштироки ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар озмуни байналмилалӣ **“Китоби илмӣ” (Научная книга)** мебошад. Озмуни мазкур аз ҷониби Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия аз санаи 15-уми июн то 15-уми ноябри соли 2021 ташкил ва баргузор карда шуд. Дар номинатсияи **«Амнияти миллӣ»** – монографияи дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., майори милитсия – **Ҳайдарзода М.П.** таҳти унвони **“Проблемы совершенствования законодательства и квалификации преступлений экстремистской направленности в Республике Таджикистан”** сазовори ҷойи дуюм гардида ва бо сертификати иштирок қадрдонӣ гардид.

Рӯйдоди муҳими дигар дар ҷодаи илм ин бо мусоидат ва дастгирии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академияи ВКД муҳтарам Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар дохил ва

хориҷи кишвар аз ҷониби 4 нафар унвонҷӯёни Академияи ВКД **(3 нафар унвонҷӯён аз номи Академия)** бо муваффақият дифоъ намудани таҳқиқоти диссертатсионии номзадӣ мебошад, ки он ҷиҳати зиёд гардидани сафи кормандони илмӣ дар Академия ва бо муваффақият амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти рушди илми кишвар мусоидат менамояд. Дар соли ҳисоботи кормандони зерини Академияи ВКД дар дохил ва хориҷи кишвар бо муваффақият таҳқиқоти диссертатсионии номзадии худро дифоъ намуданд:

1. **Қобилов Ботурхоҷа Қобилхоҷаевич** – унвонҷӯи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадқиқоти диссертатсиониашро дар мавзӯи «Татбиқи чораҳои пешгирӣ аз ҷониби суд тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ, зери роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, подполковники милитсия Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон ба анҷом расонида, санаи 14-уми январи соли 2022 дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият ҳимоя намуд;
2. **Нарзуллозода Сӯҳроб Саидаҳмад** бо фармони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №676 аз 19-уми декабри соли 2017 ҳамчун унвонҷӯ зери роҳбари илмӣ доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сафарзода Анвар Ислом ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 вобаста шуда буд, мавзуи рисолаи номзадиаш “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, санаи 25-уми январи соли 2022 дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳимоя намудааст;
3. **Мирзоҳафизиён Мирзоалӣ Мирзоҳафиз** – собиқ, сардори воҳиди низомӣ-таълимии факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия, тадқиқоти диссертатсиониаш дар мавзӯи “Механизм административно-правового регулирования участия граждан Республики Таджикистан в охране общественного порядка” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ, зери роҳбарии илмии номзади илмҳои ҳуқуқ, Семинистий Александр Валеревич ба итмом расонида, санаи 10-уми марти соли 2022 дар Шӯрои диссертатсионии Д 203.002.06 дар назди Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия ҳимоя намудааст;
4. **Муродзода Фирӯза Рӯзибой** бо фармони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502 аз 5-уми декабр соли 2016 ҳамчун унвонҷӯ зери роҳбари илмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Анвар Ислом ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 вобаста шуда буд, мавзуи рисолаи номзадиаш “Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, санаи 12-уми ноябри соли 2022 дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳимоя намудааст;
5. **Одиназода Носир Садир** бо фармони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №676 аз 12-уми декабр соли 2017 ҳамчун унвонҷӯ зери роҳбари илмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Зоир Ҷурахон Маҷидзода ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 вобаста шуда буд, мавзуи рисолаи номзадиаш «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 10-уми декабри соли 2022 дар

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳимоя намудааст.

Гузашта аз ин, боиси ифтихор аст, ки 2 нафар докторантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия **Раҷабзода Равшан Муҳитдин** дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия **Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ** дар мавзӯи "Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечения национальной безопасности государства" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ санаи 16-уми июн ва 8-уми июли соли 2022 бомуваффақият ҳимоя намуданд.

Муовини сардори Академия оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** дар мавзӯи "Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ таҳқиқоти диссертатсионии худро ба анҷом расонидааст, санаи ҳимоя 25-уми феврали соли 2023 муайян карда шудааст. Илова бар ин, соли 2022 унвонҷӯёни зерин низ дар омода намудани тақиқоти диссертатсияи номзадӣ кӯшишҳо ба харҷ дода, алҳол дар рӯйхати ҳимоякунандагони соли 2023 ворид шудаанд ва интизори ҳимоя ҳастанд: **Буриев Д.А., Ёров Ё.Ҳ., Султонзода Б.С., Завқизода С.А., Абдуллозода Н.Р., Хоҷазода Ф.Ф.**

**Р**ӯйдоди дигаре, ки боиси сарфарозист, ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2022 таҳти №165/уи ба сардори адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия **Самиев Назар Мурадович** додани **унвони илмии "Дотсент"** аз рӯйи ихтисоси "Ҳуқуқшиносӣ" сазовор дониста шуд. Ҳамчунин, бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022 таҳти №203/уи ба котиби Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия **Абдурашидзода Абдуазиз Абдумансур** ба **унвони илмии "Дотсент"** аз рӯйи ихтисоси "Ҳуқуқшиносӣ" сазовор дониста шуд.

**М**утобиқи банди 5 Қарори Шурои олимони Академияи ВКД (Протоколи №1 аз 29-уми августи соли 2022) барои ҷой доштани саҳми назаррас дар омода намудани кадрҳои баландихтисос ва саҳмгузорӣ дар рушди иқтидори таълимӣ, илмӣ-амалии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, рамзи эътироф намудани хизмат ва изҳор намудани миннатдорӣ унвони «Профессори фахрии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор **Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ**, сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Зоир Ҷурахон Маҷидзода** ва профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Назарзода Носир Ҷобир** сарфароз гардонида шуданд.

**М**утобиқи банди 1 Қарори Шурои олимони Академияи ВКД (Протокол №12 аз 28-уми июни соли 2022) ва Қарори Комиссияи аттестатсионии Академияи Хадамоти давлатии зиддисухтории Вазорати мудофиаи граждани, ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи офатҳои табиии Федератсияи Россия ба ҳайси адъюнктони факултети илмӣ-педагогии Академияи мазкур қабул шуданд: иҷрокунандаи вазифаи сардори кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникии факултети № 3, полковники милитсия Муминиён А.А.; дотсенти кафедраи бехатарӣ аз сӯхтори факултети № 5, майори милитсия Саидзода Ф.М.; омӯзгори кафедраи бехарӣ аз сӯхтори факултети №5, капитани милитсия Ҳазратзода Ҷ.Т. омӯзгори калони кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулоддаи факултети №5, лейтенанти калони милитсия Ҳабибзода Ҳ.Т.; омӯзгори калони кафедраи бехатарӣ аз сӯхтори факултети №5, лейтенанти калони милитсия Муродзода С.С.; сардори курси воҳиди низомии факултети №6 Академия, лейтенанти калони милитсия Хоҷамуродзода Ф. дохил шудаанд (ш. Москва, 14-уми августи соли 2022).

**Б**о шарофати таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва расидан ба Ваҳдати комили ҷомеаи Тоҷикистон, ки бо талош ва ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон насиби мо шудаанд, имрӯзҳо дар ҳама бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, хосатан дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ музаффариятҳои назаррас дастёб гардиданд. Бо мақсади ҳавасманд гардонидани ҳайати шахсӣ ба муносибати 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, ҷиҳати қадрдонии кормандони зерини Академияи ВКД бо фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1414 аз 28 сентябри соли 2022 бо мукофотҳои соҳавӣ сазовор гардидаанд:

**Бо нишони "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон":** Самиев Назар Мурадович – сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, полковники милитсия; Абдурашидзода Азиз Абдумансур – котиби Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, полковники милитсия; Каримова Лилия Мухтоҷевна – сарнозир оид ба робитаҳои байналмилалии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия; Убайдуллоев Шавкат Эшонқулович – дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия; Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент, полковники милитсия; Ҳайдарзода Зафар Пирмуҳаммад – сардори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, подполковники милитсия; Муҳитдинзода Нуриддин Муҳитдин – профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.

**Бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Ҳоҷивалиева Тоҷиниссо Абдуалиевна – муовини сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия; Маъруфиён Бахрулло Маъруф – сардори кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникии факултети № 3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия; Холзода Бахтиёр Мулло – сарнозири маркази бақайдгирии ва машваратии шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия, Одиназода Исфандиёр Аҳмад – муовини сардори факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия; Мирзоҳофизиён Мирзоалӣ Мирзоҳофиз – муовини сардори факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низом, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

**Б**о мақсади расонидани кӯмаки таълимӣ ва таълимӣ-методӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, мустаҳкам намудани иқтидори илмӣ ва таълимӣ, баланд бардоштани донишу маърифати касбӣ ва савияи дониши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, рушду нумӯъ ва нуфузи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати таҳия намудани китоби дарсии «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳайати муаллифони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармоиши АВКД аз 05.09.2022 сол № 689 таъсис дода шуд.

**Б**о мақсади расонидани кӯмаки таълимӣ ва таълимӣ-методӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, мустаҳкам намудани иқтидори илмӣ ва таълимӣ, баланд бардоштани донишу маърифати касбӣ ва савияи дониши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, рушду нумӯъ ва нуфузи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати таҳия намудани китоби дарсии «Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳайати муаллифони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармоиши АВКД аз 05.09.2022 сол № 690 таъсис дода шуд.

**Б**о мақсади расонидани кӯмаки таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, мустаҳкам намудани иқтидори илмӣ ва таълимӣ, баланд бардоштани донишу маърифати касбӣ ва савияи дониши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, рушду нумӯъ ва нуфузи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати таҳия намудани китоби дарсии «Муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», воситаи илмӣ-амалии «Психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», Тафсири илмӣ-амалии «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»» ва воситаи таълимии «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар нақшаҳо» ҳайати муаллифони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармоиши АВКД аз 17.10.2022 сол № 849 таъсис дода шуд.

**Б**о мақсади расонидани кӯмаки таълимӣ ва таълимӣ-методӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, мустаҳкам намудани иқтидори илмӣ ва таълимӣ, баланд бардоштани донишу маърифати касбӣ ва савияи дониши кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рушду нумӯъ ва нуфузи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастрасии бандҳои дахлдори Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст, Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2020, № 211 тасдиқ шудааст, Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, № 503 тасдиқ шудааст, Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба амалӣ намудани Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 265 тасдиқ шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, гуруҳи кории Академияи Вазорати корҳои дохилӣ оид ба таҳияи маводи таълимӣ ва илмӣ-амалӣ дар самти муқовимат бо ҷинояткории киберӣ ва намудҳои нави ҷиноятҳо бо Фармоиши АВКД аз 04.11.2022 сол № 940 таъсис дода шуд.

**Я**ке аз самтҳои дигари фаъолияти илмӣ тадқиқотӣ ин вобаста ба проблемаҳои ҷомеа ва масъалаҳои муҳими илмӣ ташкил ва баргузор намудани конференсия, семинар, форум, маҳфилҳои илмӣ ва дигар чорабини илмии сатҳи гуногун мебошад. Аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои Академияи ВКД дар соли ҷорӣ якчанд чорабиниҳои чунин сатҳ ташкил ва баргузор карда шуд. Аз ҷумла:

– *якумин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ* дар мавзуи “Илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ” бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 29 апрели с. 2022). Ташкилкунанда – ШТИ ва ТН;

– *конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ* дар мавзуи “Транснациональные криминальные вызовы и риски на пространстве Содружества, обусловленные ситуацией в Афганистане: тенденции, прогнозы, пути нейтрализации (ш. Душанбе, 25 майи с. 2022). Ташкилкунандагон, Академияи ВКД, РҲБ ВКД, БҲМЗҶМ (БКБОП);

– *конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ* дар мавзуи “Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ” бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон (ш. Душанбе, 10 декабри с. 2022). Ташкилкунандагон – ШТИ ва ТН, факултети № 2, кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ.

Санаи 25-уми майи соли 2022 дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон таҳти сарпарастии Шӯрои вазирони корҳои дохилии кишварҳои узви ИДМ конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи **«Мушкилот ва хатарҳои фаромиллӣ дар фазои иттиҳод, ки бо сабаби вазъ дар Афғонистон ба вуҷуд меоянд: тамоюлҳо, пешгӯиҳо, роҳҳои безараргардонӣ»** баргузор гардид. Дар кори конференсия мутахассисон ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ/Политсияи муассисаҳои илмӣ ва таълимии Озорбойҷон, Арманистон, Беларуссия, Молдова, Россия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Кумитаи иҷроия ва ташкилотҳои соҳавии ҳамкориҳои ИДМ, ҳамчунин мутахассисони барҷастаи мақомоти давлатии Тоҷикистон иштирок намуданд. Чорабинӣ ҳам дар шакли бевосита ва ҳам тавассути он-лайн (маҷозӣ) ташкил карда шуд.

Конференсия мувофиқи банди 3.7-и Барномаи байнидавлатии тадбирҳои муштараки мубориза бо ҷинояткорӣ барои солҳои 2019-2023, ки аз ҷониби Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 28 сентябр соли 2018 ва Қарорҳои Саммити Бокуи Шӯрои вазирони корҳои дохилии кишварҳои узви ИДМ 20 июли соли 2018 тасдиқ шудааст, баргузор гардид.

Мақсади баргузории конференсияи мазкур аз баррасии масъалаҳои мубрам марбут ба таъсири эҳтимолӣ ба вазъи криминалӣ ва амнияти ҷамъиятии кишварҳои узви ИДМ таҳдидҳое, ки дар натиҷаи тағйироти вазъи иҷтимоию сиёсии Афғонистон ба вуҷуд меоянд, инчунин самтҳои ҳамкориҳои мақомоти корҳои дохилии/политсияи кишварҳои узви ИДМ дар самтҳои афзалиятноки мубориза бар зидди экстремизм, муомилоти байналмилалии маводи мухаддир, муомилоти силоҳ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар намудҳои ҷиноятҳои хатарнок буд.

Дар рафти конференсия масъалаҳои гуногун, аз қабили:

– ҳолат ва тамоюлҳои рушди вазъи ҷиноятӣ дар ҳудуди кишварҳои узви ИДМ;

– масъалаҳои мубрами мубориза бо терроризм ва экстремизм дар фазои ИДМ ва роҳҳои ҳалли онҳо;

– ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои узви Иттиҳод дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ;

– таъсири ҷараёни муҳоҷират ба вазъи ҷиноятӣ дар кишварҳои узви ИДМ;

– ҳамкории мақомоти салоҳиятдор дар соҳаи амният дар минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои узви ИДМ;

– мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва роҳҳои безараргардонии он;

– проблемаҳои мубрами ҳамкории мақомоти салоҳиятдори кишварҳои узви ИДМ дар мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир;

– қочоқи маводи мухаддир аз қаламрави Афғонистон ва ғ.

Иштирокчиёни форум бо назардошти баррасии баҳсҳо қайд карданд, ки вазъи кунунии Афғонистон ноустувор боқӣ монда, дар пасманзари омилҳои зиёди номуайянӣ барои кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил як қатор таҳдидҳо, хатарҳо ва ситезаҷӯии ҷиноятӣ, аз ҷумла, терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, ҷиноятҳои фаромиллӣ,

муҳоҷирати ғайриқонунӣ дорад. Дар конференсия доир ба ин масъалаҳо **25 маърӯза** ва баромадҳо шунида ва муҳокима карда шуда, дорои хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, ки асоси резолютсияи конференсияро ташкил доданд.

Бояд иброз намуд, ки дар кори V-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи "**Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ**", ки бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ташкил ва баргузор гардид зиёда аз **70** мақолаҳои илмӣ вобаста ба масъалаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон аз муассисаҳои бонуфузи олии таълимии Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Белоруссия, Молдова, Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва дигар муассисаҳои олии дохилӣ ва хориҷи кишвар ворид гардидаанд. Боиси зикр аст, ки соли 2022 бо дастгирии роҳбарияти Академияи ВКД **маҷмуаи 4** конференсияи қаблӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳаҷми **100 адад** аз нашр бароварда шуд.

**С**анаи 29-уми декабри соли 2022 дар доираи ҳамкориҳои муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори Вазорати маориф ва илм (Вазири маориф ва илми ҶТ, доктори илмҳои техникӣ, профессор, дорандаи ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ, Саидзода Раҳим Ҳамро), ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 31-умин солгарди таъсисёбии Академияи ВКД боздиди Шӯрои ректорони Мактабҳои Олӣ аз Академия баргузор гардид. Сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ вобаста ба "Вазъи омода намудани кадрҳо дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди ҳамкориҳои он бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар" гузориш доданд. Ҳамчунин, дар маҷлиси Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректорони Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Дилафрӯз Саидӣ, филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Рустам Ғаниев, котиби Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Шоназаров Алиҷон бо гузоришҳо баромад намуда, дар охир ба чунин қарор омаданд, ки:

– ҷиҳати таъмини сатҳу сифати омодасозии кадрҳо ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани раванди мазкур чораҳо андешад;

– робита ва ҳамкориҳои судмандро бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барқарор карда, ҷиҳати баланд бардоштан ва рушди раванди таълиму тарбия ва илм мубодилаи таҷрибаивазкуниро ташкил намояд;

– дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳар сол озмуни ҷумҳуриявии «Китоби илмӣ»-ро ташкил ва баргузор намояд;

– ҷиҳати омода намудани кадрҳои зарурӣ ва нашри маводи таълимию илмӣлоиҳаи шартномаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ба тасвиб расонад.

– фаъолияти самараноки Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ҷиҳати муайянкунӣ ва назорати сарбории омӯзгорон тариқи системаи иттилоотии идоракунӣ, яъне истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ қайд карда шавад.

– аз таҷрибаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд оид ба муайянкунӣ ва назорати сарбории омӯзгорон тариқи системаи иттилоотии идоракунӣ дар муассисаҳои таълимии худ истифода кунанд;

– дар мавриди зарурият ҷиҳати истифодаи таҷриба ҳамкориро бо донишкадаи мазкур барқарор карда, тибқи бастани шартномаи тарафайн таъминоти барномавии заруриро дар муассисаи худ татбиқ намоян.

– ҷиҳати беҳтар кардани алоқа ва робитаҳои корӣ бо корфармоён – вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои дахлдор чораҷӯй намояд;

– масъалаи баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро дар заминаи вазорату идораҳо ва корхонаю ташкилотҳо зери назорат қарор дода, ҷиҳати беҳтар кардани сатҳу сифати он тадбирҳо андешад;

– якҷо бо корфармоён чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла семинарҳо, дарсҳои маҳоратватренингҳоро вобаста ба «шиносоӣ бо касб», ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ ва вохӯрию суҳбатҳо бо роҳбарону кормандони вазорату идораҳо ҷиҳати роҳнамоии касбии хатмкунандагон ва таъмини онҳо бо ҷойи кор доир намояд.

– Нақшаи кори Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 бо дарназардошти ворид кардани пешниҳоду иловаҳои аъзои шӯро тасдиқ карда шавад;

– аъзои Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати таҳияи масъалаҳо ва амалисозии нақшаи кор тадбирҳо андешанд;

– котиби Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Шоназаров Алиҷон иҷрои Нақшаикори Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023-ро зери назорат қарор диҳад.

Ҳайати профессорӣ-омӯзгории Академия дар партави дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат кӯшиш ба харҷ дода, ҳамеша дар пайи тақвият додани сиёсати хирадмандонаи Президенти Ватани маҳбубамон ҳастанд, ин аст, ки омӯзгорони Академия дар барномаҳои телевизионии кишвар ширкат намуда, аз ҳисси баланди ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва садоқат ба касбу савганд маърӯзаҳо карданд:

1. барномаи телевизионии «Масъулият»-и Телевизиони Тоҷикистон (ш. Душанбе, 17 феврали с. 2022). Ташкилкунанда – Телевизиони давлатии “Тоҷикистон” (Раҷабалиён А.Р., Ҳабибзода Ҳ.Т., Маҳмариҳимзода Ф.М., Ҳалимзода Д.О. бо суҳбат дар мавзуи «Тақвияти ҳисси ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва садоқат ба касбу савганд»);

2. барномаи телевизионии «Инсон ва ҳуқуқ»-и Телевизиони Сафина (ш. Душанбе, 25 феврали с. 2022). Ташкилкунанда – Телевизиони давлатии “Сафина” (Самиъзода Б.С. бо баромад  дар мавзуи «Бахши тартибот ва қонуният дар Паёми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ»);

3. барномаи телевизионӣ оид ба масъалаҳои иҷроиши талаботи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 ва Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин (ш. Душанбе, 26 майи с. 2022). Ташкилкунанда – Телевиозиони давлатии “Ҷаҳоннамо” (Сафарзода Ҳ.С. бо маърӯза дар мавзуи “Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ”).

Қобили қайд аст, ки ҳамкорӣ бо аҳолӣ ҷиҳати таблиғи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон 14 маротиба ташкил карда шудааст, 34 нафар устодону омӯзгорони Академия бо маърӯзаҳои гуногун баромадҳо кардаанд.

46 – маротиба аз ҷониби ҳайати профессорӣ-омӯзгории Академия дар ҳафтаномаҳо ва  сомонаҳои расмии ВКД ва Академияи ВКД маводи таҳлилӣ омода ва ҷойгир шудааст.

Ҳамкории устодони Академия бо мақомоти корҳои дохилӣ дар соли 2022 – 63 маротиба барпо карда шудааст, ки ин ҳам фаъолияти ҳаррӯзаи хизматии онҳо мебошад.

Дар 13 тренинг 21 маротиба устодони Академия ба ҳайси тренерон дар мавзуҳои семинари омӯзишӣ “Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа”, “Баланд бардоштани иқтидор ва малакаи кормандони МКД дар баррасии парвандаҳои марбут ба зӯроварӣ дар оила” семинарҳои омӯзишӣ гузарониданд.

Бахши дигари фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ин фаъолияти “Ҷамъияти илмии курсантон” мебошад, ки дар соли ҳисоботӣ курсантони Академияи ВКД дар якчанд чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун иштирок намуданд.

Курсантони Академия дар пайваста дар маҳфилҳои гуногун иштирок намуда, Академияро муаррифӣ менамоянд. Аз ҷумла, курсантони зерин ба ҳайси аъзо ба лоиҳаи “Интеллект шоу”, ки ташкилкунандааш Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина” мебошад, ворид шуданд: Ҳабибуллозода А. (курсанти гурӯҳи 509 курси 5 факултети №2), Мираҳмедов Т.А. (курсанти гурӯҳи 513 курси 3 факултети №6), Ҷононаи Зикрулло (курсанти гурӯҳи 513 курси 5 факултети №6), Шафизода Н.Р. (курсанти гурӯҳи 513 курси 5 факултети №6), Комилзода Т.Ҳ. (курсанти гурӯҳи 510 курси 5 факултети №2), Ализода Ф.А. (курсанти гурӯҳи 412 курси 4 факултети №2). Лозим ба ёдоварист, ки 16-уми ноябри соли 2022 нафарони зикргардида дар давраи аввали “Интеллект шоу” ширкат намуда, бо гирифтани 6:0 ғолиб омаданд.

Қобили қайд аст, ки санаи 30-юми декабри соли 2022 аз ҷониби ШТИ ва ТН ва шуъбаи адъюнктура **озмуни илмӣ-амалии “Лабиринти ҳуқуқӣ”** байни факултетҳои №№ 2 ва 6 бо дастгирии молиявии шарикони иҷтимоӣ ташкил ва баргузор карда шуд. Мақсади баргузории озмуни мазкур таҳким бахшидани дониши курсантон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, муқовимат бо коррупсия, мубориза бо терроризму экстремизм, ташаккулёбии ақидаи фаъоли шаҳрвандӣ, шуури ҳуқуқии мусбӣ, малакаи дар амал татбиқ кардани донишҳои омӯхташуда буда, озмун бо унсурҳои маҳфили хушдилон гузаронида шуд, то дар як вақт ҳам ҷиддӣ ва ҳам шавқовар бошад. **“Мубориз”** (дастаи **факултети № 2** иборат аз 6-нафар) бо 115 хол ҷойи якум, дастаи **“Таҳаммулпазир”** (**факултети № 6** иборат аз 6-нафар) бо 105 хол сазовори ҷойи 2 гардиданд.

Дар соли ҳисоботӣ курсантони Академияи Вазорати корҳои дохилӣ дар ҳаёти илмӣ, таълимӣ, фарҳангӣ фаъолона иштирок намуданд:

